*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004*
*Назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,*
*(суроға 734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*шаҳри Душанбе, маҳаллаи*
*Буни Ҳисорак, бинои таълимии 8)*

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон - Раҳматзода Ҳайдар Бобо ба диссертатсияи Бахтиёри Изатулло Муродзода дар мавзуи "Такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворechи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мутобиқат мекунанд: 10.2. Моҳият, сохтор ва хусусиятҳои фарққунандаи низоми идоракунии оммавӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити муосир. Принсипҳои ташкил, захираҳо ва равандҳои идоракунии оммавӣ; 10.5. Махсусияти коркард ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт. Алоқаҳои бевосита ва бавоситаи сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи онҳо. Инкишофи шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии моликияти давлатӣ; 10.8. Идоракунии низомҳои иқтисодӣ, принсипҳо, шаклҳо ва усулҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати низоми иқтисодӣ. Идоракунии тағйиротҳо дар низомҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес; 10.9 Ташкилот ҳамчун объекти идоракунӣ. Асосҳои назариявӣ-методии идоракунии ташкилот. Таркиби функсионалии идоракунӣ. Сохтори идоракунии ташкилот. Ҷанбаҳои дарозмуддат, миёнамуддат ва кӯтоҳмуддати идоракунии ташкилот, идоракунии ҷорӣ. Идоракунии ташкилот аз рӯйи давраҳои ҳаётии он.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба пешрафти истифодабарии имкониятҳои илмию техникӣ, иқтисодиёти давлатҳои мутараққӣ низ дар доираи ҳамбастагии байни соҳаҳои мустақили хоҷагидорӣ, ки аксаран дар шакли комплексҳо ташаккул мeёбанд, рушд карда истодаанд. Маъмултарин комплекси байнисоҳавӣ, ки дар ҷараёни чунин

фановарихо ба вучуд омадааст, ин комплекси агросаноатӣ ба ҳисоб меравад. Муҳиммияти талқини ин комплекс аз таъмини бехатарии озуқаворӣ маншаъ гирифта, он дар шаклу равандҳои гуногун дар мамлакатҳои алохидаи ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон идома дорад, ки дар таъмини аҳолии кишвар бо маводи озуқаворӣ калидӣ арзёбӣ гардида, инчунин истиқлолияти вокеии ҷумҳурӣ аз дараҷаи рушди ин комплекс вобастагӣ дорад...

Дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаҳои агросаноатии он ба таҳлил ниёз доранд. Зеро иқтисоди бозорӣ захираҳо, самтҳо ва роҳҳои муосиру инноватсионии истифодаи онҳоро ба мақсади дар маҷмуъ таъмин намудани самаранокии иқтисодии корхонаҳои комплексҳои соҳавию байнисоҳавӣ тақозо дорад. Албатта, дар ин раванд мушкилоти корхонаҳои КАС, аз ҷумла КАО-и ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он аз зумраи масоиле мебошанд, ки таҳқиқотҳои амиқу комплексиро тақозо менамоянд. Саҳми назарраси корҳои олимони ватаниро дар таҳқиқи назария ва амалияи муносибатҳои ҳамгироии агросаноатӣ, аз ҷумла ташаккул ва равнақи комплекси агроозуқаворӣ таъкид кардан зарур аст. Аммо дар самти ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ мушкилоти ҷойдошта ҳанӯз ба таври бояду шояд ҳалли худро наёфтаанд. Аз он ҷумла дар мавриди ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои замин ва моддию меҳнатӣ, мушкилоти эрозияи заминҳои кишт, фарсудашавии аз меъёр зиёди фондҳои асосӣ, норасоӣ ва нархҳои гарони захираҳои фондҳои гардон, камчинии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ, замин ва воситаҳои гардони корхонаҳои агросаноатӣ ва амсоли онҳоро зикр кардан мумкин аст, ки сари вақт ҳалли худро наёфтани онҳо таъсири мустақими худро ба ҳосилнокию маҳсулнокӣ ва дар маҷмуъ ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣи аҳолии кишвар ва манотиқи он расонидаанд. Мубрамият ва мавҷудияти мушкилоти зикршуда, зарурати ҳалли онҳо дар сатҳи назариявию усулӣ ва амалӣ зарурияти интихоби мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқотро муайян карда, гузориши ҳадаф ва мақсадҳои диссертатсияро асоснок намудаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Аз таҳқиқоти илмӣ бармеояд, ки ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз коркарди асосҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати таҳқиқи ҷараёнҳои ташаккулу рушди комплекси агроозуқаворӣ дар доираи КАС ва минтақаҳои агросаноатии мавриди таҳқиқ иборат мебошад. Барои ба ин ҳадаф расидан, унвонҷӯ вазифаҳои таҳқиқотро пешниҳод намудааст, ки ҳалли онҳо ба тавлиди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намуданд. Ҳамин

тариқ, ба натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд, инҳо дохил мешаванд:

- асосҳои назариявӣ, аз ҷумла мафҳум ва моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодии комплекси агроозуқаворӣ ва мавқеи он дар низоми комплекси агросаноатӣ таҳқиқ, тақвият ва тавсеа дода шуданд, аз ҷумла муаллиф натиҷагирӣ намудааст, ки аз рӯйи хусусияти маҳсулоти ниҳоии КАС, комплекси агроозуқаворӣ яке аз комплексҳои он ба шумор рафта, ҳадаф аз ташаккулу рушди он таъмини талаботи рӯзафзуни аҳолӣ бо маводи озуқаи истеҳсоли ватанӣ мебошад;
- хусусиятҳо ва омилҳои ба раванди ташаккулу рушди комплекси агроозуқаворӣ ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он таъсирбахш ошкор ва қоидаҳои амалкарди самараноки корхонаҳои муҷтамаъ муайян карда шуданд;
- ҳолати ташаккул ва равнақи механизми идоракунию танзими комплекси агроозуқаворӣ ҷумҳурӣ ва арзёбии самаранокии амалкарди корхонаҳои доираҳои комплекси мазкур дар минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор таҳлилу баҳогузорӣ шуданд;
- самтҳои такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣ мамлакат ва идораву танзими давлатии он дар сатҳи ҷумҳурӣ ва буриши минтақаҳои он муайян ва асоснок карда шуданд;
- дурнамои тараққиёти комплекси агроозуқаворӣ ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ бо назардошти такмили механизми рушд ва индикаторҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ муайян ва баҳодиҳӣ карда шуданд;
- тавсияҳо ва пешниҳодоти илман асоснокшуда оид ба такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣ ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ дар асоси истифодаи таҷрибаи мамолики рушдкарда коркард карда шуданд.

Дар диссертатсия натиҷаҳои зерини назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шуданд, ки шомили нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд:

- тақвияти муқаррарот оид ба асосҳои назариявию услубии ташаккул ва рушди комплекси агроозуқаворӣ дар низоми муҷтамаи агросаноатии кишвар;
- муайянкунии хусусиятҳо, омилҳо ва қоидаҳои ба раванди ташаккул ва рушди комплекси агроозуқаворӣ дар низоми маҷмуаи агросаноатии кишвар ва минтақаи таҳқиқшаванда таъсирбахш;
- баҳодиҳии ташаккул ва равнақи механизми рушди комплекси агроозуқаворӣ ҷумҳурӣ ва арзёбии самаранокии амалкарди корхонаҳои доираҳои комплекси мазкур дар минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор;
- муқаррарсозии самтҳои такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣ мамлакат ва идораву танзими давлатии он дар сатҳи ҷумҳурӣ ва буриши минтақаҳои он;
- дурнамои пешрафти комплекси агроозуқаворӣ ҷумҳурӣ ва минтақаи таҳқиқшуда бо назардошти такмили механизми рушди индикаторҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ;

- пешниҳодот ва тавсияҳои илман асоснокшуда оид ба такмили механизми рушди комплекси агроозуқавории ҷумҳурӣ ва минтақаи таҳқиқшуда дар заминаи истифодаи таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои тараққикарда.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимон-иқтисодшиносони ватанию хориҷиро дар доираи корхонаҳои сикли пурра дар зеркомплексҳои комплекси агроозуқаворӣ, бунёди шароитҳои мусоид ва мустаҳкамгардонии базаи моддию техникӣ барои фаъолияти самараноку босуботи хоҷагиҳои кишоварзӣ, корхонаҳои коркарди маҳсулоти озуқаворвии ватанӣ, баҳодиҳии имкониятҳои комплекси агроозуқаворвии кишвар ва такмили низоми идоракунии онҳо, истифодаи таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар ин самт ва ҳамчунин, масоили арзёбии самаранокии иқтисодӣ ва муайянкунии самтҳои рушди корхонаҳои комплекси агроозуқаворӣ дар низоми КАС-и ҷумҳурӣ бо назардошти махсусиятҳои хоси минтақаҳои алоҳидаи мамлакат эҷодкорона истифода бурдааст. Ҳамчунин, саҳеҳияти маълумот бо гузаронидани таҷрибаҳо, монандии маводҳои таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ карда шудааст. Хулосаҳо ва пешниҳодот бо таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок карда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз асосноккунии назариявӣ ва коркарди пешниҳодот барои рушди комплекси агроозуқаворвии ҷумҳурӣ ва минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор ҳамчун асосҳои услубӣ ва амалӣ хизмат карда метавонанд. Натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф имконият медиҳанд, ки донишҳои илмӣ оид ба такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворвии ҷумҳурӣ ва минтақаи агросаноатии мавриди таҳқиқ арзёбӣ карда шаванд. **Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки принсипҳои асосии методӣ ва пешниҳодоти дар таҳқиқоти диссертатсионӣ коркардшуда, тавсияҳои таҳияшуда ва пешниҳодҳои дар асоси онҳо омодагардида метавонанд аз тарафи мақомоти идораи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ ҳангоми асосноккунии самтҳои рушди комплекси агроозуқаворвии ҷумҳурӣ ва минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор истифода бурда шаванд.

**Саҳми довталаб** дар он зуҳур меёбад, ки марҳилаҳои иҷрои нақшаи таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, мақсад, вазифаҳо ва баррасии аҳамиятнокии онҳо бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ таҳия карда шудаанд. Муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ ва илмию амалии аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дошта дар шаҳрҳои

Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва Новосибирски Федератсияи Россия дар солҳои 2014-2023 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд. Натиҷаҳо ва нуктаҳои алоҳидаи кори диссертатсионӣ дар таҷрибаи хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор дар амал татбиқ шудаанд, ки бо санадҳои мувофиқ тасдиқ гардидаанд. Ҳамчунин, муқаррароти алоҳидаи диссертатсияро метавон ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатии рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ ва дар вақти омода кардани лексия аз фанҳои «Иқтисодиёти КАС», «Иқтисодиёти кишоварзӣ», «Интегратсия ва кооператсия дар КАС» ва «Таъмини бехатарии озуқаворӣ» истифода намуд.

## Мазмуни кори диссертатсионӣ

**Дар муқаддима** муҳиммияти мавзуи таҳқиқотӣ, сатҳи омӯзиш ва баҳогузории масъалаҳо, муайянкунии мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои амалии бадастомада мухтасар инъикос ёфтаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** «Асосҳои назариявию услубии ташаккулу танзим ва идораи комплекси агроозуқаворӣ дар низоми КАС» мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, (С.14-67).

Дар зербоби 1.1. ҷанбаҳои назариявии ташаккулу танзими равандҳои ҳамгироӣ дар КАС ва зеркомплексҳои он мавриди баррасӣ қарор гирифта, мафҳуму моҳияти иқтисодии ҳамгироӣ ва сохторҳои ҳамгироишуда дар комплекси агросаноатӣ аз назари муҳаққиқони хориҷию ватанӣ таҳқиқ гардида, натиҷагириҳо шудааст. Аз ҷумла муаллиф қайд кардааст, ки равандҳои ҳамгироӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ ба истифодаи нисбатан самараноки омилҳои асосии истеҳсолот (сармоя, меҳнат, замин, фаъолияти соҳибкорӣ, иттилоот) имкон фароҳам меоварад. Ҳамчунин, муаллиф таҳқиқ намудааст, ки дар раванди ҳамгироии агросаноатӣ ташкилотҳои аграрию саноатии ҳамгироишудае ба вуҷуд меоянд, ки баёнгари низоми иқтисодие мебошанд, ки шохаҳои он дар ҷараёни ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расонидани молҳои хӯрокворӣ байни ҳамдигар чун воҳиди ягона ҳамкорӣ менамоянд. Муаллиф дар заминаи таҳқиқу таҳлилҳо болозикр натиҷагирӣ намудааст, ки механизми рушди комплекси агроозуқаворӣ ин маҷмуи чораҳои давлат ва мақомоти салоҳиятноки он махсуб меёбанд, ки фарогири санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, фишангҳои маъмурию иқтисодӣ буда, ҷараёнҳои ташаккулу равнақи комплекси агроозуқавориро дар ҳудудҳои кишвар тарҳрезӣ, ташкил, идораву назорат ва танзим менамоянд, (С.14-32).

Дар зербоби 1.2 диссертант муҳимтарин хусусиятҳои хоси комплекси аграрию саноатиро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст. Диссертант дар ин маврид қайд кардааст, ки аз рӯйи хусусияти маҳсулоти ниҳоии комплекси агросаноатӣ сохторҳои ҳамгироишудаи комплекси агросаноатиро ба ду комплекс ҷудо кардан мумкин аст: 1) Комплекси

озуқаворӣ; 2) Комплекси ғайриозуқаворӣ, ки доираи таҳқиқоти илмии унвонҷӯ маҳз комплекси озуқаворнии он ба ҳисоб меравад. Дар зербоби мазкур, инчунин рушди муносибатҳои аграриву саноатӣ дар тӯли қариб 100 сол дар иқтисодиёти давлатҳои собиқ Шуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон марҳилабандӣ шудааст ва муаллиф хусусиятҳои ҳар як марҳилаи рушд ва ташаккули ҳамгироии агросаноатиро ба таври нақшавӣ дар ҷадвали 1.2.1. пешниҳод намудааст. Ҳамчунин, муаллиф дар расми 4 омилҳои ба ташаккул ва равнақи ҳамгироиҳои агросаноатӣ ва сохторҳои ҳамгироишударо дар доираи КАС, аз ҷумла комплекси агроозуқаворӣ гурӯҳбандӣ намуда, пешниҳод намудааст, (С.32-50).

Муаллиф дар зербоби 1.3 ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии идоракунӣ ва танзими рушди комплекси агроозуқаворӣ дар агробизнеси мамолики хориҷӣ ва имконоти истифодаи онҳоро дар кишоварзӣ ва деҳоти ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Инчунин, муаллиф як қатор пешниҳодҳо намудааст, ки ба мақсад мувофиқ арзёбӣ мегарданд. Дар ин замина диссертант қайд кардааст, ки барои ташаккул ва рушди комплекси агроозуқаворӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, пайдоиши ҷойҳои нави кории доимӣ давлат низ бояд дар бунёди ҷузъу томҳои инфрасохтори деҳот мустақиман ширкат варзад. Чунин дастгирии мустақими давлат эътимоди соҳибкорон ва боварии мардуми деҳотро ба сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати кишвар боз ҳам афзун мегардонад. Дар фаровардн ин зербоб, муаллиф қайд менамояд, ки таҷрибаи мамолики рушдкардаро нусхабардорӣ карда, барои рушди иқтисодию иҷтимоии маҳалли деҳоти кишвар истифода намудан мувофиқи мақсад нест. Вале ҷанбаҳои хуби ин таҷрибаҳоро омӯхта, бо хусусиятҳо ва шароитҳои истеҳсолоти аграрии ҷумҳурӣ ва комплекси агроозуқаворнии он қиёс намуда, сипас мавриди истифода қарор додан лозим аст, (С.51-67).

**Дар боби дуюми диссертатсия** «Арзёбии рушди комплекси агроозуқаворнии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои агросаноатии он» мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, (С.68-106).

Дар зербоби 2.1 таҳлили нишондиҳандаҳои истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ ва иқтидорҳои захираҳои мавҷудаи он дар маҷмуъ ва дар буриши минтақаҳои ҷумҳурӣ мавриди барраси қарор гирифта, ба ин тариқ муайян гардидааст, ки соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ ва базаи озуқаворӣ ва ашёихомии соҳаи саноати хӯрокворнии ҷумҳурӣ дар кадом сатҳ қарор дорад. Нуқтаҳои муҳими ин зербоб: Ҷадвали 2.1.1. - Нишондиҳандаҳои асосии рушди кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Диаграммаи 2.1.1. - Истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо, Ҷадвали 2.1.2. - Замини аҳамияти кишоварзӣ доштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар буриши минтақаҳо, Диаграммаи 2.1.2. - Шумораи мошинолотҳои кишоварзӣ, Ҷадвали 2.1.3. - Динамикаи баъзе

нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи ҳолати рушди истеҳсолоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷадвали 2.1.4. - Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии соҳаи саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд, (С. 68-88).

Дар зербоби 2.2. таҳлил ва арзёбии вазъи комплекси агроозуқаворӣ дар минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Нуқтаҳои муҳими ин зербоб дар: Ҷадвали 2.2.1. - Ҳудудҳо ва аҳолии минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор мувофиқи тақсимоти маъмурӣ-територияви ва демографӣ, Ҷадвали 2.2.2. - Нишондиҳандаҳои умумииқтисодии минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор, Ҷадвали 2.2.3. -Динамикаи майдони замини аҳамияти кишоварзидоштаи минтақа дар солҳои 2017-2021, Ҷадвали 2.2.4. - Динамикаи майдони заминҳои кишти зироатҳои кишоварзии минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор, Ҷадвали 2.2.5. - Динамикаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои асосии соҳаи растанипарварии минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор, Ҷадвали 2.2.6. - Динамикаи нишондиҳандаҳои рушди соҳаи чорводории минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор, Ҷадвали 2.2.7. - Истеҳсоли маҳсулотҳои асосии кишоварзии минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор ба ҳар 1 нафар аҳолӣ, Ҷадвали 2.2.8. - Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ноҳияҳои минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор, Расми 6. - Сохтори соҳавии саноати хӯроквории ҷумҳурӣ, Ҷадвали 2.2.10. - Сохтори саноат дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021, Ҷадвали 2.2.11. - Динамикаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии саноати хӯроквории минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор мавриди таҳлилу натиҷагирӣ қарор гирифтааст, (С.85-106).

**Дар боби сеюми диссертатсия** «Самтҳои такмили механизм ва дурнамои рушди комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ» таҳқиқ шудаанд (С. 107-156).

Дар зербоби 3.1. танзими давлатии комплекси агроозуқаворӣ дар доираи сиёсати аграрию саноатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Дар робита ба ин, дар диссертатсия муаллиф самтҳо ва заминаҳои рушди комплекси агроозуқаворӣ дар доираи сиёсати давлатиро мавриди баррасӣ қарор дода, муайян намудааст, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳамаҷониба барои рушду равнақи ҳамгироиҳои агросаноатӣ чораандешӣ намуда, барои бунёди шароити мусоид дар ин самт мусоидат менамояд. Инчунин, муаллиф дар доираи зербоби мазкур баъзе аз падидаҳои иқтисодии хоҷагидориро дар кишоварзӣ ва саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва корхонаҳои саноати хӯрокворӣи минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор мавриди таҳқиқу баҳогузорӣ қарор додааст. Нуқтаҳои муҳимтарини зербоб инҳоянд: Ҷадвали 3.1.1. - Ҳисоби самаранокии иқтисодии истеҳсолот дар хоҷагиҳои кишоварзии минтақаи

агросаноатии Марказу Ҳисор, Ҷадвали 3.1.2. - Динамикаи самаранокии иқтисодии истеҳсолот дар корхонаҳои парандапарварии минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор, Ҷадвали 3.1.3. - Динамикаи самаранокии иқтисодии истеҳсолот дар корхонаҳои ордбарории минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор, Ҷадвали 3.1.4. - Динамикаи самаранокии иқтисодии истеҳсолот дар корхонаҳои коркарди шир дар минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор, Расми 7. - системаҳои асосии идоракунӣ дар КАО (С.107-123).

Дар зербоби 3.2. такмили низоми идоракунии КАС ҳамчун самти муҳими рушди комплекси озуқаворӣ ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он баҳодиҳӣ гардидааст. Диссертант дар ин радиф қайд мекунад, ки идоракунии комплекси агросаноатӣ бояд ҳамчун ҷараёни меҳнати фаъолу мақсаднок ба самти муайянкунии мақсади амалкарди истеҳсолоти агросаноатӣ вобаста аз шароиту қонуниятҳои инкишофи он равона карда шавад. Инчунин, муаллиф дар зери мафҳуми танзими муносибатҳои истеҳсолӣ дар КАС ҷараёни барқароркунии системаи ташкили оқилонаю ҳуқуқии идоракунӣ ва алоқаҳои иқтисодӣ миёни субъектҳою объектҳои идоракунии КАС-ро пешниҳод намудааст. Ҳамзамон, муаллиф қайд менамояд, ки хусусияти хоси идоракунии даврони гузариш ба бозор ин танзими бошууронаи ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар базаи механизми иқтисодии хоҷагидорӣ мебошад, ки манфиати кулли аъзоёни ташкилотро дифоъ менамояд. Зимни таҳқиқот диссертант пешниҳод намудааст, ки механизми нави идоракунии КАС, аз ҷумла КАО бояд функсияҳои алоҳидаро дар худ таҷассум намояд. Дар маҷмуъ муаллиф дар шароити имрӯза такмили механизми рушди идоракунии КАС -ро самти муҳими рушди комплекси озуқаворӣ ҷумҳурӣ бо назардошти принсипҳо ва вазифаҳо дар Расми 7 пешниҳод намудааст (С.123-139).

Дар зербоби 3.3 дурнамои рушди стратегии комплекси агроозуқаворӣ ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он дар низоми комплекси агросаноатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла диссертант хулоса намудааст, ки танзими давлатии комплекси агроозуқаворӣ дар доираи сиёсати аграрию саноатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳими такмили механизми рушди комплекси агросаноатии кишвар, аз ҷумла комплекси озуқаворӣ ба ҳисоб меравад, ки аз ҷониби давлат диққати ҳамаҷониба дода мешавад. Базаи ҳуқукию меъёрии он ҷавобгӯ ба талаботҳо ва стандартҳои байналхалқӣ ташаккул ва рушд карда истодааст. Инчунин, муаллиф дар заминаи таҳлилҳо мақсадҳои асосии рушди босуботи комплекси агроозуқавориро дар таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ғизои комили аҳолии ҷумҳурӣ дар шакли алгоритм дар чор самт: мушкилоти рушди КАС ва соҳаи агарӣ; афзалиятҳои асосии рушди босуботи КАС; самти ҳаракат барои расидан ба ҳадаф ва натиҷаҳои интизорӣ аз татбиқи ҳадафҳои болоиро пешниҳод намудааст, ки ҳар яки

онҳо дар алоҳидагӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, дар ин радиф индикаторҳои мониторинги сектори аграриро барои солҳои 2016-2030 муайян ва ҳамзамон дар хотимаи боби мазкур дурнамои истеҳсоли маҳсулоти озуқавориро дар минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор барои солҳои 2025-2030 анҷом додааст (С.140-156).

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии диссертант ҷамъбаст гардидаанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи пешниҳодшуда аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст, ки 176 сарчашмаро фаро мегирад. Матни умумии диссертатсия 176 саҳифаро ташкил дода, дорои 9 расм, 2 диаграмма ва 25 ҷадвал мебошад.

Диссертатсияи Бахтиёри Изатулло Муродзода бо забони давлатӣ навишта шуда, хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот ҷавобгӯи талабот буда, мавқеи намоёни назариявию амалиро соҳиб мебошанд. Диссертант ва рисолаи илмӣ зинаҳои гуногуни санҷишҳоро муваффақона паси сар намудаанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Интишороти муаллиф нуқтаҳои асосӣ, навгониҳо, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардидаро фарогир буда, дар маҷмуъ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 22 мақолаҳои илмии муаллиф, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои КОА.** Диссертатсияи Бахтиёри Изатулло Муродзода ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) (минбаъд-Тартиб) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқикот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, № 3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1) Муаллиф бештар ба натиҷаҳои илмии олимони рус ва ватанӣ таваҷҷуҳ намудааст, аммо ба ақидаи олимони мамолики Ғарб, аз ҷумла Иттиҳоди Аврупо камтар аҳамият додааст.

2) Муаллиф, ба фикри мо, мебоист ба чунин мушкилоти назариявӣ ва методологӣ оиди ташаккули низоми танзими комплекси агроозуқаворӣ дар асоси алоқамандии мантиқии танзими давлатии истеҳсолот ва фурӯши ашёи хоми кишоварзӣ ва озуқаворӣ, худтанзимкунии бозорӣ ва маркетинг аҳамият медод.

3) Унвонҷӯй, агар чунин мушкилотҳоро, ба монанди коркард ва истеҳсоли маҳсулоти нав ва хидмат, баландбардории рақобатпазирии маҳсулот, оптимизатсияи ҳаракати мол, ҳавасмандгардонии фурӯши мол ва ташаккули тақозо, амалисозии назорат ва дигарҳоро дар рушди фаъолияти субъектҳои КАО-и минтақа мавриди барассӣ қарор медод, хеле ҳам хуб мешуд.

4) Дар параграфи 1.3. муаллиф дақиқ накардааст, ки таҷрибаи кадом давлат барои ҷумҳурии мо мувофиқ мебошад. Гузашта аз ин таҷрибаи давлатҳои иқтисодашон ба иқтисоди давлати мо наздик ба монанди Узбекистон агар ба инобат гирифта мешуд, хуб мебуд. Ин зербоб бештар маводҳоеро дар бар мегирад, ки ба соҳаи кишоварзӣ алоқаманд аст на ба идора ва танзими он.

5) Дар саҳифаи 145-и диссертатсия ҷадвали 3.2.1. меъёрҳои тавсиявии ғизо оварда шудааст. Агар истеъмоли воқеии озуқавориро дар ҷадвал илова мекард, беҳтар мешуд.

6) Дар ҷадвали 2.1.1. давраҳои тараққиёти истеҳсолот ва ҳамгироиҳои аграрию саноатии Тоҷикистонро мавриди аз як саҳифа ба саҳифаи дигар гузаштан ибораи “идомаи ҷадвали 2.1.1.”-ро илова намудан лозим аст.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии рисоларо паст намекунанд.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия.** Диссертатсияи Бахтиёри Изатулло Муродзода дар мавзуи “Такмили механизми рушди комплекси агроозуқаврии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор)” таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муаллифи диссертатсия Бахтиёри И.М. сазовори гирифтани

дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва
иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон Раҳматзода Ҳ.Б.

Имзои Раҳматзода Ҳ.Б.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.